**ПРОТОКОЛИ №2**

**ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 28 сентябри соли 2022** **ш. Хуҷанд**

Иштирок доштанд: мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ н.и.ҳ., дотсент Самадов Б. О., н.и.х., дотсент Тоҷибоев Ш. А., н.и.ҳ, профессор Болтуев С. Ш., н.и.ҳ., дотсент Ҳомидова М. Ф., н.и.ф., муаллими калон Давлятова Ч. А., муаллимони калон Рофиева А. Ҳ., Ахмедов Г. Д., Юсупова М. А., Атаев А. А., Ғафурова Б. Д., Амонов А. Ҷ., ассистент Мирпочоева М. З. ва коргузори кафедра Абдувоҳидов М. Р.

**РӮЗНОМА:**

**Дар бораи муҳокима ва тасдиқи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д. Ш.**

Сараввал мудири кафедра дотсент Самадов Б. О. баромад намуда иштирокдорони ҷаласаро бо рӯзномаи ҷаласа муфассал шинос намуд ва оид ба пешниҳод гардидани фикру андешаҳо пурсон шуд. Иштирокдорони ҷаласа ризоияти худро нисбат ба масъалаи дар рӯзномаи ҷаласа гузошта шуда бо як овоз иброз намуданд.

Нисбат ба масъалаи дар ҷаласа гузошта шуда дотсент Самадов Б. О. баромад намуда қайд кард, ки унвонҷӯйи кафедра Рофиева А. Ҳ. аз соли 2019 таҳқиқоти илмии худро дар мавзӯи мубрам ва муаммовӣ, муҳими соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ, "Танзими ҳуқуқи соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", зери роҳбари илмӣ д.и.ҳ., профессор Сангинзод (Сангинов) Д. Ш. оғоз намудааст (Протоколи №8 ҷаласаи Шӯрои олимони ДДҲБСТ аз 28.02.2019).

Дар доираи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки ба доираи таҳқиқоти илмӣ бахшида шудаанд, унвоҷӯйи кафедра Рофиева А. Ҳ. таҳти роҳбари илмӣ тавонистааст ба мақсадҳои пешгузоштаи худ ноил гардад. Рисолаи диссертатсионии пешниҳод карда шуда аз рӯйи сохтори худ аз сарсухан, 2 боб, 6 зербоб, хулоса, феҳрасти махазҳои истифодашуда иборат аст. Дар қисматҳои рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯй мазмун ва моҳияти таҳқиқоти маҷмаавӣ баррасӣ карда шудаанд.

Дар боби якум рисола зери номи "Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ" оид ба табиати ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ, низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа дарбар гирифта шудаанд.

Боби дуюми рисола бо номи "Махсусияти танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои алоҳида" нисбати таҳқиқот оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти ҳуқуқии пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ бахшида шудааст.

Дар хулосаи рисолаи диссертатсионӣ унвонҷӯй Рофиева А. Ҳ. тавонистааст андешаҳои худро баҳри такмили қонунгузории соҳа, беҳтар намудани танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкории оилавӣ ҷамъбаст намояд.

Унвонҷӯйи кафедра Рофиева А. Ҳ., дар ҷараёни омода намудан ва нашри мақолаҳои илмӣ мувофиқи талаботи ҷорӣ дар бораи мубрам ва

муаммовӣ будани мавзуи таҳқиқотӣ ақидаҳои худро пешбарӣ намудааст. Дар умум, муаллифи рисолаи диссертатсионӣ 3 мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақолаҳои илмии худро дар маҷаллаҳои илмии сатҳи донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз нашр баровардааст. Рофиева А. Ҳ. муаллифи мақолаи илмӣ дар монографияи дастаҷамъонаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии ДДҲБСТ буда, дар бораи "Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистони муосир" оид ба масъалаҳои ҳуқуқии мавҷуда дар соҳаи таҳқиқот интишор намудааст.

Мувофиқи нақшаҳои тасдиқгардидаи кафедра унвонҷӯй Рофиева А. Ҳ. санаи 15 марти соли 2022 дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ (протоколи №7) бо маърӯзаи илмӣ "Хусусияти ҳуқуқии соҳибкории занон дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон" фаъолона иштирок намуд, тасдиқ гардидааст.

Ҳамчунин, санаи 6 апрели соли 2022 дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедра дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки таъминоти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат" бо маърӯзаи илмӣ "Моҳияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистони муосир" иштирок намуда, нисбати саволҳои пешгузошта шуда, ҷавобҳои мушаххас дод.

Мудири кафедра дотсент Самадов Б. О. дар баромади худ оид ба натиҷаҳои мусбии ба дастовардаи унвонҷӯй Рофиева А. Ҳ., мақсадҳои илмӣ, саҳми минбаъдаи таҳқиқоти мазкур дар рушди ҷараёни таълим, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ибрози ақида намуд.

Аз рӯйи масъалаи ҷаласаи кафедра унвонҷӯй Рофиева Азиза Ҳамдамовна баромад карда қайд намуд, ки дар давраи унвонҷӯии худ таҳти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д. Ш. тамоми вазифаҳои пеш гузошта шударо дар омода намудани рисолаи диссертатсионӣ мувофиқи нақшаҳо бо пуррагӣ иҷро намудааст. Дар ин давра бо талаботи

КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисматҳои заруриро дар ҷодаи таҳқиқоти мазкур ба асос гирифта, рисолаи диссертатсиониро ба хотима расонидааст.

Дар баромади худ унвонҷӯй Рофиева А. Ҳ. нисбат ба ҷараёнҳои омодасозии диссертатсия, истифодаи сарчашҳои ҳуқуқӣ, илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, мушоҳидаҳои фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, занон, масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра андешаронӣ намуд.

Аз рӯйи масъалаи ҷаласаи кафедра н.и.ҳ., профессор Болтуев С. Ш. баромад кард. Қайд карда шуд, ки иқдоми пешгирифтаи унвонҷӯйи кафедра Рофиева А. Ҳ., ҷолиби диққат буда, масъалаҳои таҳқиқоти илмӣ ба яке аз ҷабҳаҳои ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Нисбат ба масъалаҳои ҳуқуқии дар боби 2 диссертатсия ишора гардида, фикру андешаҳои худро бахри беҳтарнамоӣ, истифодаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонунӣ ва татбиқи амалии онҳо иброз намуд.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Тоҷибоев Ш. А. ба сухан баромада ташаббус ва маҳорати касбии унвонҷӯй Рофиева А. Ҳ. – ро ҷолиби диққат дониста, бахри дастгирии минбаъда барои сазовор гардидан ба дараҷаи илмӣ пешбарӣ намуд. Қайд карда шуд, ки унвонҷӯй Рофиева А. Ҳ. мунтазам робитаи худро бо роҳбари илмӣ, профессор Сангинзод Д. Ш. пурзӯр намуда, ҳамаҷониба кӯшиш намудааст то ба ҷамъбасти таҳқиқоти илмӣ ноил гардад. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ба талаботи ҷорӣ ҷавобгӯй буда, мувофиқи низомномаҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷро расонида шудааст. Масъалаҳои дар таҳқиқот қарор додашуда ба яке аз соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии муосири Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Ҳамчунин, иштирокдорони дигар ҷаласаи кафедра ба монанди н.и.ҳ., дотсент Ҳомидова М. Ф., муаллимони калон Юсупова М. А., Ахмедов Г. Д., Ғафурова Б. Д. ва дигарон баромад намуда, фикру андешаҳои хешро иброз намуданд. Дар алоҳидагӣ қайд карда шуд, ки унвонҷӯйи кафедра Рофиева А. Ҳ., дар тӯли якчанд солҳо оид ба таҳқиқоти мавзуи рисолаи

диссертатсионӣ корҳои назаррасро анҷом додааст ва сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Пас аз баррасӣ гардидани масъалаи ҷаласаи кафедра оид ба муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯй кафедра Рофиева А. Ҳ., бо як овоз тасдиқ карда шудани онро ҷонибдорӣ намуданд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Баромади мудири кафедра н.и.ҳ., дотсент Самадов Б. О. ва унвонҷӯй Рофиева Азиза Ҳамдамовна ба маълумот қабул карда шавад.

2. Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, таҳти роҳабри илмӣ д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д. Ш. таҳқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида шуда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй дониста шавад.

3. Диссертатсияи унвонҷӯй Рофиева Азиза Ҳамдамовна барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

4. Диссертатсияи унвонҷӯй Рофиева Азиза Ҳамдамовна барои баррасии минбаъда ба шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ тавсия карда шавад.

5. Нусха аз қарори мазкур ба Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ пешниҳод карда шавад.

**Раисикунанда:** **Самадов Б. О.**

**Котиб:** **Абдувоҳидов М. Р.**